## Course name: National economy

## Week 8: *Organization of national economic management*

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ

*(National economy)*

## МАВЗӮИ 8. Ташкили идоракунии иқтисоди миллӣ.

### Саволҳои лексия:

1. **Мафҳум, моҳият ва шарҳи идоракунӣ**
2. **Унсурҳои асосии низоми идоракунӣ**
3. **Функсияҳои идоракунӣ ва мавқеи онҳо дар сохтори идоракунии мамлакат**

### 1. Мафҳум, моҳият ва шарҳи мафҳуми идоракунӣ

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳои бунёди давлати дунявӣ, демократӣ, ягона ва равона сохтани муносибатҳои бозори, низоми нави иқтисодии мамлакатро ба вуҷуд овард, ки дар он ҷараёни сохтори идоракунӣ, чӣ дар миқёси мамлакат ва чӣ дар бахшҳои алоҳидаи он мавқеи махсусро дорост. Мукаммалгардонии сохтори идоракунии муассисаҳо тақозо мекунад, ки тарзи ташкили роҳбарии хоҷагии мамлакат ба назарияи илмии ин соҳа асос ёбад ва инчунин ба мушоҳидаҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ такя намояд[1].

Дар атрофи мазмуни ин мафҳум ақидаҳои мухталиф ҷой дошта, таърифи ягонаи мафҳуми идоракунӣ вуҷуд надорад. Як қатор муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки идоракунӣ таъсиррасонии ҳадафнок ба ҷараён ё гурӯҳи одамон мебошанд[2]. Мувофиқи ақидаи дигар идоракунӣ маҷмӯи чарабиниҳо, ки барои ба даст овардани ягон мақсади муайян равона карда шудааст. Назарияи дигаре низ вуҷуд дорад, ки идоракунӣ –ин ҷараёни мустаъқили иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташкиливу техникӣ мебошад, ки бо тарзу усулҳои гуногун ба роҳ монда шуда барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ равона карда шудаанд (идоракунии автомобил, кормандон, корхона, соҳа).

Идоракунӣ объект ва субъектхои худро дорад ва ин ҷараён дар якҷоягии объекту субъектҳои он сурат мегирад. Объект-он чӣ, ки идора карда мешавад (корхона, соҳа, ҷараёни иқтисодӣ ва ғайраҳо.). Субъект –аз ҷониби кӣ, кадом ашхос ё мақомот идора кардан мебошад.

---

[1] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

[2] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.




**Расми1: Ҷараёни идоракуни дар сатҳи иқтисоди миллӣ[3].**

Зарурияти омӯзиши ҷараёни идоракунӣ дар он аст, ки хонандагон ба ташкили имрӯзаи идоракунии соҳаҳои иқтисодиёт дар миқёси вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ шинос шуда. донишҷӯён доир ба таркибу ташкили ин сохторҳо маълумоти кофӣ пайдо мекунанд. Инчунин ҳадафи асосии омӯзиши ҷараёни идоракунӣ дар он низ мебошад, ки тавассути он маълумотҳои кофӣ дар бораи фаъолияти мақомоти мухталифи идоракунӣ гирифта бо низоми қонуну фармонҳои ҳукумат шиносой пайдо мекунад.

Дар шароити идоракунии имрӯза мафумҳои «роҳбарӣ» ва «менеҷмент» васеъ истифода мешаванд. «Менеҷмент» калимаи англисӣ буда, бо маънои оддияш ба даст овардани ҳадафи пешгузошта бо истифодаи меҳнат, маҳорат дониши идоракунанда ва бо назардошти дархости мардум мебошад. «Менеҷмент» ҳаммаънои «идоракунӣ» буда: вазифа ва намуди фаъолият: роҳбарии одамон дар созмонҳои гуногун мебошад. Менеҷмент инчунин соҳаи дониши инсон буда: илмест, ки фаъолияти идоракунӣ ва роҳбариро меомӯзад. Ашхосе: ки ба ин фаъолият машғул аст: «менеҷер» номида мешавад. Ифодаи якҷояи «менеҷерҳо»: ахшоси машғули идоракуниро низ ба маънои «менеҷмент» номгӯй мешаванд. Дар ифодаи тоҷикӣ «менеҷмент»-ро пурра «идоракунӣ» ва «менеҷер»-ро «роҳбар» (раис) гуфтан ҷоиз бошад ҳам дар байни ин калимаҳо тафовут низ мушоҳида мешавад.

Менеҷмент дар тасаввуроти америкоиҳо ҳамчун субъекти идоракунӣ: ашхоси роҳбарикунанда-«менеҷер» истифода мешавад. Дар ин ҳол онҳо калиами «маъмуриятро» (ашхоси маъмурро) низ истифода мекунанд. Гузашта аз ин: «менеҷер»-ро онҳо ҳамчун роҳбари касбӣ: роҳбари дорои маълумоти махсуси идоракунӣ мешиносанд. «Менеҷер» ва «соҳибкор» ибораҳои ҷудо буда: дар айни ҳол: бо ҳам пайвастагӣ доранд. Соҳибкорӣ

[3] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент-(кисми 1): китоби дарсӣ – Душанбе-ирфон. 2004.-142с.

фаъолиятест: ки барои ба даст овардани фоида бо роҳи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва хизматҳо пеш бурда мешавад. Идораи соҳибкориро менеҷменти соҳибкорӣ ифода мекунад. Дар ин ҷо менеҷмент чун роҳбари ташкилоти хоҷагӣ: тиҷоратӣ дониста мешавад. Дар соҳаи менеҷмент роҳбарии ин гунна корхонаҳоро маъмурияти соҳибкорӣ низ ифода менамояд. Мафҳуми «менеҷмент» ҳамчун роҳбар ба ҳама гуна ташкилоту корхонаҳо равост: аммо нисбати мақомоти давлатии зинаҳои гуногуни роҳбариро «менеҷер» гуфтан ҷоиз нест: масалан «менеҷери шаҳри Турсунзода»: «Менеҷери кумитаи замин» ва ғайра. Дар мақомоти давлатӣ на ин ки мафҳуми «менеҷменти давлатӣ»: балки «идоракунии давлатӣ» истифода мешавад: роҳбарони онҳо бо унвонҳои хос ба монанди «раис»: «вазир»: «директор»: «сардори раёсат: идора»: «сардори шеъба» ва ғайра номбар мешаванд.

Тавсифи бағоят саҳеҳи мафҳумҳои «менеҷмент» ва «менеҷер» дар китоби профессор Ғаниев Т.Б. «Менеҷмент» оварда шудааст. Ибораҳои номбурдаро маънидод намуда: муаллиф менависад: ки «менеҷментро ҳамчун фаъолияти касбӣ ва мақсаднок барои истифодаи дурусти захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ бо усулҳои иқтисодии идоракунӣ равоншудаи одамон муайян кардан мумкин аст… менеҷмент шаклу усул ва тарзи идоракунӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад: ки имрӯз чун илм ва фанни мустақил мавриди тадқиқ ва тадриси ҳатмию ногузир барои мутахасисони соҳа қарор гирифтааст. Мақсади асосии менеҷмент -ҳарчи хубтар таъмин намудани талаботи воқеии одамон бо механизми бозории талабот: таклифот ва фоида. Расидан ба чунин мақсад ва иҷрои вазифаи муҳим зарурати ба кор ҷалб намудани мутахассисеро: ки дорои қобилияти баланди фикрронӣ: тахассусӣ ва кордонию роҳбарӣ дорад: пайдо мегардонад: ки номи он «менеҷер»-ро ба худ гирифтааст. Менеҷер-мутахассиси касбии махсус омодашуда аст: ки дар асоси шартномаи кироя барои соҳибмулк дар иҷрои вазифаҳои роҳбарӣ ва идоракунии ташкилот (корхона) фаъолият бурда: ба корхона фоида меорад. Имрӯз дар ҷаҳон муосир менеҷер аз дигар мутахассисон баланд мебошад[4]».

## 2.Унсурҳои асосии низоми идоракунӣ.

Идоракунии раванди ҷамъиятӣ, ки се намуди идоракунии ҷамъиятиро дар бар мегирад:

- якум: ***идоракунии иқтисоди (хоҷагӣ)***: аз ҷумла идоракунии истеҳсолот: ки шакли асосии идоракунии ҷамъият мебошад;
- дуюм: ***идоракунии и Ҷумҳурии Тоҷикистонимоиву сиёсӣ,*** ки ба соҳаи давлатдорӣ, муносибатҳои синфӣ, мазҳабӣ: миллӣ таалуқ дорад;

[4] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент-(кисми 1): китоби дарсӣ – Душанбе-ирфон. 2004.-142с.

- сеюм: ***идоракунии ҳаёти маънавии ҷамъият***: ки ҳамчун шакли муҳими идоракунии иҷтимоӣ ба ташаккули маънавиёти инсон, тарбияи он инчунин назорати ҷамъиятии ҷараён ва таомули маънавӣ равона карда мешавад. Азбаски ақидаҳо дар бораи мафҳуми идоракунӣ гуногунанд, мазмуни назарияи идоракунӣ низ якранг пешниҳод намешаванд.

Низоми идоракунӣ унсурҳои гуногунро дар бар мегирад, ки онҳо дар маҷмӯъ фаъолият ва натиҷаҳои ниҳоии идоракуниро муайян месозанд.

Хадафи идоракунӣ – марҳилаи асоси ва ибтидоии идоракунӣ буда, дарёфти натиҷаҳои дилхоҳи иқтисодӣ, иҷтимои, ташкилиро дар зинаҳои гуногуни иқтисодиёт ва дар мӯҳлатҳои муайян дар назар дорад.

Стратегияи идоракунӣ –нақшаи умумии ба даст овардани ҳадафи ниҳоии идоракунӣ мебошад, ки бо хотири он фаъолияти мақомоти идоракунӣ сафарбар карда мешавад. Азбаски хадафи стретагӣ метавонад бо усулҳои гуногун амалӣ гардад, муайян намудани роҳҳои мушаххаси кор вазифаи тактикӣ мебошад[5].

Тактикаи идоракунӣ –интихоби восита, усул ва тарзи мушаххаси ба даст даровардани ҳадафу ҳалли вазифаҳои статегии идоракунӣ мебошад.

Ташкили ҷараёни идоракунӣ -ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти иштирокчиёни соҳҳи идорашаванда барои ноил гаштан ба ҳадафҳои муайянгардида мебошад. Дар ташкили ҷараёни идоракунӣ ҳамоҳангзосии кори кормандон ва барои дар муддати кӯтоҳ ва харочоти камтарин ба даст овардани ҳадафҳо ҷорӣ намудани ҳавасмангардонӣ, баҳисобгирӣ, назоратбарӣ ва ғ. аҳамияти калон дорад.

***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»***

***Қонуни мазкур низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.***

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мавзӯи танзим ва доираи амали Қонуни мазкур

1. Мавзӯи танзими Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, инчунин асосҳои ташкили фаъолияти онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.
2. Амали Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар мақомоти идоракунии

[5] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби ташкил, салоҳият ва фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, татбиқ намегардад[6].

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

— **мақоми идоракунии давлатӣ** – мақоми давлатие, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд;

— **мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** — шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд;

— **низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** — маҷмӯи мақомоте, ки таҳти тобеияти якдигар (муносибатҳои иерархӣ) қарор дошта, функсияҳои идоракунии давлатиро мустақилона ва дар ҳамкории мутақобила татбиқ менамоянд ва ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим мешаванд;

— **мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ** — мақоме, ки дар асоси ваколати ба он вогузорнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ва дигар функсияҳои иҷроияро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

— **ҳамоҳангсозӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** — маҷмӯи ваколат ва функсияҳое, ки бо мақсади таъмини сиёсати ягона дар соҳаи муайян тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдори алоҳида вогузор карда шудаанд;

— **ғайримутамарказгардонии ҳокимияти иҷроия** — раванди дар асоси қонун вогузор намудани қисми ваколатҳои ҳокимият ва ё функсияҳо аз мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва тавсеаи доираи ваколатҳои мақомоти поёнии идоракунӣ аз ҳисоби мақомоти сатҳи болоӣ;

---

[6] Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»16.04.2017 **(АМОҶТ с.2012, №4, мод.278). https://majmilli.tj/**

— **шартномаи маъмурӣ** – санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноии функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд;

— **назорати дохилӣ** — маҷмӯи тадбирҳои мустақили мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиш ва арзёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдори ҳамин мақом, ки барои таъмини иҷрои талаботи қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст;

— **назорати хизматӣ** — маҷмӯи тадбирҳои мукаммале, ки қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокиро дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд ва тавассути он мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ функсияҳои назоратиро анҷом медиҳад[7].

## 3.Функсияҳои идоракунӣ ва мавқеи онҳо дар сохтори идоракунии мамлакат.

Сохтори идоракунӣ –низоми мақомоти идоракунӣ, таркибу таносуби воҳидҳои дохилӣ ва муносибатҳои кори онҳо мебошад. Сохтор, яъне таркиби дохилии низоми идоракунии хоҷагӣ нишонаи муҳими тавсифоти он буда, ба натиҷҷҳои ниҳоии фаъолият бевосита таъсир мерасонад. Вобастаги зичи байни сохтор ва самаранокии идоракунӣ ба он асос меёбад, ки таркиби дохилӣ –ҷабъаоҳои махсусгардонидашудаи идоракунӣ то чи андоза мукаммал бошанд, хусусиятҳои объекти идоракуниро ҳамон кадар беҳтар инъикос мекунанд ва барои дарёфти натиҷаҳои судбахши кор бештар мусоидат менамоянд[8].

Такмили идоракунӣ масоили сохтори ташкилии идоракуниро дар зинаҳои гуногун дар бар гирифта, ба таносуби унсурҳои идоракунӣ дар ҳар як зина аҳамияти махсус медиҳад. Дар идоракунии иқтисоди миллӣ зинаҳои зайл ҷой доранд:

1. Зинаи макроиқтисодии идоракуни ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро дар миқёси давлат –дохил ва хориҷи он дар бар гирифта, зинаи болоии ҷамъиятии мамлакат мебошад.

---

[7] Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»16.04.2017 **(АМОҶТ с.2012, №4, мод.278). https://majmilli.tj/**

[8]Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

2. Зинаи соҳавии идоракуниро дар миқёси соҳа (саноатӣ, кишоварзӣ ва фаъолити мақомоти идоракунии соҳаро дар бар мегирад.

3. Идоракунии иқтисодиёт дар қаламрави сохторҳои маъмуриву марзии мамлакат (вилоят, шаҳр, ноҳия, минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ғ.) зинаи минтақавиро ташкил медиҳад.

4. Зинаи микроиқтисодӣ, ки идоракунии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва иҶумҳурии Тоҷикистонимоиро дар доираи воҳидҳои поёнии корхона ва инчунин хоҷагиҳо дар бар мегирад.

Зинаи байналхалқии идоракунӣ ба фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ мансуб аст. СММ ва мақомоти он, созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ ва молиявӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Бонки ҷаҳонӣ, Бунёди Асъори Байналхалқӣ ва дигар созмонҳои иқтисодию сиёсӣ, ки дар ҷаҳон ба ҷараёнҳои байналхалқӣ таъсир мерасонанд, ба хоҷагиҳои миллӣ давлатҳои алоҳида кӯмак мерасонанд ва умуман дар равандҳои идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ нақши муайянеро мебозанд.

Функсия калимаи лотинӣ «функсио» буда, маънои амалӣ кардани фаъолиятро дорад. Функсияи идоракунӣ –вазифа ва доираи амале мебошад, ки бо хотири идора намудани фаъолияти объекти идорашаванда пеш бурда мешавад. Функсияи асосии идоракунӣ, ки дар ҳамаи зинаҳои идоракунӣ чой дранд, ба чунин гуреҳҳо ҷудо мешаванд: банақшагирӣ, созмондиҳӣ, батанзимдарорӣ, роҳбарии фаврӣ, назорати иҷрои кор ва ҳисобдорӣ[9].

Нақша ва банақшагирӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми идоракунӣ мебошад. Банақшагирӣ-ин ҷараёни интихоби ҳадафҳо ва қарорҳое мебошад, ки барои ба мақсад ноил гаштан равона карда мешавад. Ё ба тарзи дигар гӯем банақшагирӣ ин ҳадафчеӣ ё ин ки пеши назар овардани натиҷаҳоест, ки аз ноил гаштан ба ҳадаф ба даст меояд. Банақшагирӣ дар тамоми давру замонҳо барои ҷомеъаи башар хос буд ва он имконият медод, ки мақсади пешгузошташуда муайян карда шавад ва барои он чораҳои зарурӣ андешида шавад. Банақшагирӣ ба чандин гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад: нақшаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ғараҳо.

## Адабиёти истифодашуда:

1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: китоби дарсӣ – Душанбе-ирфон. 2004.-142с.

2. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

[9] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»16.04.2017 **(АМОҶТ с.2012, №4, мод.278). https://majmilli.tj/**
4. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. – М.: ИНФРА-М, 2009.
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон* «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.
6. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.
7. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
8. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
9. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.
10. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.